# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки дар марҳилаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҷалб ва иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ташкилотҳо ё ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва оқибатҳои гуногуни дар натиҷаи онҳо бавуҷудомада, назорати бесамари Интернет мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, муҳофизат, махсусан ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии чунин объектҳо ва арзишҳо, ба монанди истиқлолият, дахлнопазирии ҳудудӣ, тамомияти арзӣ, иқтидори мудофиавӣ ва низоми сиёсии давлат, ки сохтори институти «Асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат»-ро ташкил медиҳанд, яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлатдории муосири тоҷикон мебошад.

Тахрибкорӣ ҷиноятe мебошад, ки бо пайдоиши давлат бавуҷуд омад. Дар аввал тахрибкориро амалиёти ҷангие меномиданд, ки қувваҳои ночиз бо мақсади гумроҳ кардани душман, дур кардани диққат ва қувваҳои вай аз самти асосӣ гузаронида мешуданд. Дар замони осоишта бошад тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ фаъолона истифода мешавад, дар ҳоле ки диверсияро метавон ҳамчун амалҳои гуногуни террористӣ ҳисоб кард.

Дар замони шуравӣ ин ҷиноят ба гурӯҳи ҷиноятҳои зиддинқилобӣ дохил гардида, мақоми асосии мубориза бо ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ Комиссияи фавқулодаи умумирусиягӣ оид ба мубориза бар зидди инқилоб буд, ки таъсиси он барои қабули якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба муқобили ҷиноятҳои зидди инқилобӣ нигаронида шуда буданд, замина гузошт.

Солҳои ахир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар соли 2010 – 1, соли 2011 – 6, 2012 – 2, 2013-2015 – 1, 2016 – 4, 2017- 6, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ сабт гардидааст . Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳаммчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмӯи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад.

Муаллиф дуруст асоснок намудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикстон аз соли 1998 дар м. 309 муқаррар гардид. Вале то имрӯз тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мукаммале вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳанӯз ҳам бештари мушкилот дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо маҳз тавассути анҷом додани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ зарур мебошад, зеро ҳангоми дар амалия татбиқ намудани м. 309 КҶ ҶТ мушкилиҳо ба миён меоянд. Аз ҷумла, вобаста ба объекти тахрибкорӣ, ки қаблан ҳамчун ҷиноят алайҳи давлат муайян гардида буд, аммо ҳоло ҷиноят бар зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ мебошад, инчунин моҳият ва мазмуни дигар унсурҳо ва хусусиятҳои ин ҷиноят, тағйироти қонунгузорӣ, ки боиси афзоиши шаклҳои ҷиноятkорӣ гардид, мушкилоти фарқ кардани тахрибкорӣ аз амали террористӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳамшабеҳ ва монанди инҳо. Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, семинарҳо, семинармашваратҳо, конференсияҳои илмӣ, илмӣ-назариявӣ ва назариявӣ, форумҳои миллӣ тасдиқ

карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории самти ҳифзи ҳуқуқии асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ (ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон) аҳамияти муҳим дорад. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи Қурбонова Афзуна Азимбоевна пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба масъалаи мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии ҶТ мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд

намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қурбонова Афзуна Азимбоевна маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Мукарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Саодуллоев Нозимҷон Абдуллоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славяниии Россия-Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азиззода У.А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Зоир Ҷ.М.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, — Раҳмонзода М.Ҷ.

29.12.2023